# Натиҷаи
# тадқиқоти таҳлилӣ “Оид ба афзоиши талабот ба пули нақд дар иқтисодиёт ва роҳҳои рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ"

Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ маълумоти таҳлилӣ “Оид ба вазъи нишондиҳандаҳои пулӣ, талаботи ташкилотҳои қарзӣ бо пули нақд ва роҳҳои рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ”-ро, ки аз тарафи Департаменти зикргардида таҳия гардидааст мавриди омӯзиш қарор дода, чунин иттилоъ медиҳад.

Дар давраи январ-августи соли 2017 афзоиши миёнамоҳонаи ҳаҷми пулҳои захиравӣ 1,6 фоизро ташкил медиҳад. Дар ҳамин давраи таҳлилӣ самтҳои гуногуни тағйирёбии унсурҳои нишондиҳандаи пулҳои захиравӣ мушоҳида мегардад. Ба ҳисоби миёнамоҳонаи давраҳои январ-августи соли равон нишондиҳандаҳои пули нақди дар муомилотбуда 3,8% ва захираҳои ҳатмӣ 3,0% афзуда, ҳаҷми маблағҳои дар суратҳисобҳои муросилотибуда 4,7% ва дигар пасандозҳо 4,0% кам шудааст;

Аз таҳлили сохтори нишондиҳандаи пулҳои захиравӣ мушоҳида мегардад, ки баҳисоби миёнамоҳона давраи январ-августи соли 2017 ҳиссаи пули нақди дар муомилотбуда дар ҳаҷми умумии пулҳои захиравӣ 1,4% ва ҳиссаи захираҳои ҳатмӣ 0,8% афзудааст, вале ба ҳисоби миёнамоҳона ҳиссаи маблағи дар суратҳисобҳои муросилотӣ мавҷудбуда 6,1% ва ҳиссаи дигар пасандозҳо 3,8% коҳиш ёфт. Чунин тамоили бандҳои фоизии ҳиссаҳои қиёсии унсурҳои пулҳои захиравӣ нобаробар ба пешравии сохтории он таъсири худро расонид. Тавре, ки натиҷаи ҳисоби коэффисиенти интегралии тафовути сохтории К. Гатев (К $= \sqrt{\sum(v_1 \; - v_2)^2 : (\sum(v_1^2 + v_2^2)^2} = 0.0955$) ва индекси А. Салаи ($J = \sqrt{\sum[(v_1 - v_2):(v_1 + v_2)]^2} = 0.08832$) нишон медиҳанд, алҳол дар иқтисоди кишвар тағйироти сохторӣ-динамикии пулҳои захиравӣ дар сатҳи паст қарор дорад.

Баҳои гардиши пули нақд ва ғайринақдӣ ба воситаи коэффисиенти нақдикунонӣ дода мешавад ва коэффисиенти мазкур ҳамчун тақсими ҳаҷми унсури пулии М0 ба ҳаҷми унсури пулии М3 ҳисоб карда мешавад. Агар дар моҳи январи соли 2017 ҳиссаи ҳаҷми пулҳои нақди берун аз бонкҳо, аз ҷумла дар дасти аҳолӣ ва дар хазинаҳои воҳидҳои хоҷагидорӣ мавҷудбуда дар ҳаҷми унсури пулии-М3 андозаи 75,76 фоизро ташкил диҳад, пас дар моҳи августи соли равон нишондиҳандаи мазкур ба 81,32 фоиз баробар гардид. Афзоиши миёнамоҳонаи коэффисиенти нақдикунонӣ дар давраҳои январ-августи соли 2017 андозаи 1,0 фоизро ташкил медиҳад.

Таъминнокии нисбии гардиши воситаи пардохтӣ тавассути коэффисиенти монетизатсия тавсиф карда мешавад ва коэффисиенти мазкур дар асоси тақсими ҳаҷми унсури пулии М3 ба ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ муайян карда мешавад. Дар давоми 8-моҳи соли 2017 коэффисиенти монетизатсия 35,01 (12364,0/35310,9 x 100 = 35,01%) фоизро ташкил медиҳад. Азбаски дар бозори чаканаи мол асосан пули нақд истифода мегардад, коэффисиенти монетизатсия (М0/ ҳаҷми гардиши моли чакана = 10054,0 /11853,8 x 100 = 84,82) ба 84,82% баробар гардид.

Иловатан ба банди 4 метавон қайд кард, ки дар таҳлили муқоисавии Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд чунин маълумот оварда шудааст: “Дар давраи баррасишаванда эмиссияи софи пули нақд 2 430,3 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2016 маблағи 2 412,2 млн. сомонӣ ва соли 2015 бошад, маблағи 530,3 млн сомониро дарбар гирифт”. Чунин афзоиши бемайлони эмиссияи пули нақд метавонад ҳамчун яке аз сабабҳои болоравии сатҳи таваррум гардад. Қайд кардан бомаврид аст, ки дар ҳолати баланд будани суръати афзоиши ҳаҷми пули нақд нисбат ба суръати афзоиши ҳаҷми гардиши моли чаканаи воқеӣ, дар иқтисодиёт болоравии сатҳи нархҳо аз ҳисоби пули нақд ба миён меояд. Дар давраи январ-августи соли 2017 афзоиши миёнамоҳонаи ҳаҷми унсури пулии М0 (ΔМ0) андозаи 4,5% ва ҳаҷми пули нақди дармуомилотбуда (ΔМП) 3,9 фоизро ташкил медиҳанд. Мувофиқан барои ҳамин давраи таҳлилӣ афзоиши миёнамоҳонаи гардиши моли чаканаи воқеӣ (ΔГМ) ба 3,3% баробар гардид. Он гоҳ баланд будани афзоиши унсури пулии М0 (Δ) нисбат ба афзоиши

гардиши моли чаканаи воқеӣ 1,2 % (Δ = (ΔМ0 - ΔГМ = 4,5 – 3,3 = 1,2)) ва пули нақди дар муомилотбуда 0,6% (Δ = (ΔМП - ΔГМ = 3,9 – 3,3 = 0,6))- ро ташкил медиҳанд. Натиҷаи тадқиқоти мазкур гувоҳӣ медиҳад, ки алҳол болоравии унсури М0 ва ҳаҷми пули нақди дармуомилотбуда то андозае ба болоравии сатҳи нархҳо низ сабаб гашта истодааст.

Босуръат кам кардани ҳаҷми пули нақди дар муомилотбуда дар таркиби ҳаҷми пулҳои захиравӣ ё ҳаҷми унсури пулии М0 дар таркиби нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул ин худмақсадгузорӣ шуда наметавонад. Чунки айни замон бо тағйир ёфтани сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон дар самти танзими гардиши маблағҳои пулӣ дар иқтисоди кишвар ҳаҷми талабот ба пулҳои нақд зиёд шуда истодааст.

Қайд кардан бомаврид аст, ки дар ҳолати тағйир ёфтани сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ба танзим даровардани гардиши маблағҳои пулӣ дар иқтисоди кишвар, аз ҷумла воситаи асосии пардохт дар кишвар танҳо пули милии-сомонӣ ва дар ин асос қонеъ гардонидани талаботи мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ ва амалӣ кардани ҳама гуна амалиётҳои мизоҷон дар дохили иқтисоди кишвар танҳо бо пули миллӣ шаҳодати онро медиҳад, ки талабот ба пули нақд дар давоми ду соли охир афзоиш ёфт. Вале ин ҳолат дар давраи дарозмуддат ташвишовар нест, чунки маблағҳои пулии ба гардиш воридшуда метавонанд дар давраҳои оянда ба таркиби истеҳсолоти дохилӣ таъсири мусбат расонанд.

Тавре, ки маълум аст алҳол афзоиши мунтазами талабот ба пули нақд дар иқтисоди кишвар яке аз мушкилоти Бонки миллии Тоҷикистон гашта истодааст. Барои бартараф кардани ин мушкилот такмил додан ва пайдо намудани роҳҳу воситаҳои зиёд кардани ҳисоббаробаркуниҳои муосири ғайринақдӣ ҳамчун воситаи пардохтро муҳим ва бомаврид меҳисобем.

Сабаби дигаре, ки дар натиҷаи тадқиқоти гузаронидашуда мушоҳида карда шуд ин фаъолияти сусти ташкилотҳои қарзии кишвар дар самти амалиётҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад. Ташкилотҳои қарзӣ барои гардиши воситаҳои пулиашон, ки ҳамчун қарз ба мизоҷон пешниҳод мегарданд ба таври пурра фаъолият накарда истодаанд, ки дар ин асос мувофиқи ҷамъбасти маълумотҳои 16 адад бонки дар назарсанҷӣ иштироккнамуда дар 6-моҳи соли 2017 нисбати ҳамин

давраи соли 2015 ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (32,1%) дар таркиби сандуқи қарзӣ зиёд шуда ин нишондиҳанда сол то сол афзоиш ёфта истодааст. Аз як тараф нисбати истифодаи маблағҳои қарзӣ ва самти истифодаи онҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ беаҳамиятӣ ба назар мерасад, ки оқибат ба гардиши маблағҳои пулии кули иқтисоди кишвар таъсири манфӣ расонида истодааст. Аз тарафи дигар мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ низ кӯшиш карда истодаанд, ки маблағҳои қарзӣ гирифтаашонро бо пули нақд дастрас намоянд. Аз ин лиҳоз, рӯз то рӯз ҳаҷми талабот ба пули нақд афзоиш ёфта, давомнокии суръати гардиши пули нақд дар дасти аҳолӣ зиёд шуда истодааст. Масалан мувофиқи маълумотҳои расмии оморӣ агар, дар соли 2010-ум давомнокии гардиши пули нақд дар дасти аҳолӣ 32,8 рӯзро ташкил диҳад ин нишондиҳанда дар давоми 9-моҳи соли 2017 ба 67,6 рӯз баробар гардид, ки он суст шудани гардиши маблағҳои пулиро дар иқтисоди кишвар шаҳодат медиҳад. Пешниҳод карда мешавад, ки аз ҷониби воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати аз байн бурдани ин мушкилот бо ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти мунтазам ба роҳ монда шавад ва роҳу воситаҳои сари вақт баргаштани маблағҳои қарзии ташкилотҳои қарзӣ пайдо карда шавад, ё инки дар илова ба меъёрҳои мақбули ҷорӣ ҷиҳати бартараф кардани ин мушкилот меъёрҳои иловагии муваққатӣ муайян карда шавад.

Сабаби дигари суст шудани гардиши ҳаҷми пул ва афзоиши талабот ба пули нақд дар иқтисоди кишвар тавре, ки маълум аст дар ташкилотҳои қарзии кишвар солҳои охир аз нав барасмиятдарории маблағҳои қарзӣ ҳамчун ҳукми анъанаро гирифтааст, ки оқибати он ба зиёдшавии қарзҳои ғайрифаъол, афзоиши "чоҳи қарзӣ" (долговая яма) ва оқибат ба камшавии даромаднокии ташкилотҳои қарзӣ оварда расонида истодааст. Мутобиқи маълумотҳои расмии омори сол то сол суръати гардиши ҳаҷми пул ва пули нақд паст шуда истодааст. Агар дар соли 2010-уми суръати гардиши ҳаҷми пул (М3) ба 8,3 маротиба баробар бошад дар 9-моҳи соли 2017 ин нишондиҳанда ба 5,1 маротиба баробар гардид. Ҳамзамон, агар дар соли 2010-уми суръати гардиши пули нақд (М0) ба 12,3 маротиба баробар бошад дар давоми 9-моҳи соли 2017 ин нишондиҳанда ба 6,3 маротиба расид. Маълумотҳои мазкур шаҳодати онро медиҳанд, ки маблағҳои пулии нақдинаи аз гардишмонда дар дасти аҳолӣ сол то сол афзоиш ёфта истодааст ва

нигоҳдории онҳо дар манзил ва ё ҷойи дигар зиёд гашта истодааст. Ин амалҳо пастшавии эътимоднокии аҳолиро ба низоми бонкӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар натиҷа ба мушкилоти молиявӣ дучор гаштани як қатор бонкҳои ҷумҳурӣ сабаб гардиданд. Пешниҳод мегардад, ки барои баланд бардоштани нуфузу эътибори ташкилотҳои қарзӣ дар байни аҳолӣ бо истифода аз амалиётҳои муосири бонкӣ, таблиғот ва иттилоотнокии аҳолӣ аз ҳолати аниқи молиявии ташкилотҳои қарзӣ чораҳои дахлдор андешида шавад.

Яке аз сабабҳои дигари афзоиши талабот ба пули нақд ин зиёдшавии иқтисоди пинҳонӣ ба шумор меравад, ки асоси он вобаста аст ба андозбандии субъектҳои иқтисодӣ. Дар натиҷаи гузаронидани амалиётҳои ғайринақдӣ субъектҳои иқтисодӣ ба аз даст додани даромадҳои иловагии худ дучор мегарданд, ки ин амал барои гузаронидани амалиётҳои нақдии субъектҳои иқтисодӣ замина фароҳам меоварад. Барои бартараф кардани мушкилоти мавҷуда мутобиқ ба таҷрибаи дигар кишварҳо роҳҳои ҳавасмандгардониро истифода кардан бомаврид ҳисобида мешавад. Масалан дар кишвари Қирғизистон барои зиёд кардани амалиётҳои ғайринақдӣ ба субъектҳои иқтисодӣ имтиёзҳои андозӣ ҷорӣ карда шудааст, ки ҳавасмандгардонии субъектҳои иқтисодиро барои гузаронидани ин гуна амалиётҳо зиёд мекунад. Пешниҳод мегардад, ки дар ҳама соҳаи савдо марказҳои махсуси фурӯши кортҳои пардохтӣ таъсис дода шавад ва нархи ҳама гуна молҳои талаботи рӯзгор дар ҳолати ба таври ғайринақдӣ харидорӣ намудан нисбати ба таври нақди харидорӣ кардан то андозае пасттар карда шавад, ки дар натиҷа ин амал ба ҳавасмандгардонии истеъмолкунандагон оварда мерасонад ва гардиши маблағҳои ғайринақдӣ афзоиш меёбад.

*Пужӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ*
*тел: 600-32-83*